Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РЎЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ЎЗБЕКИСТОН

16 феврали соли 2002. Шанбе № 13 (12756)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 16.20 имзо гардид.

## Маҷлиси Девони Вазирон

***14 феврал маҷлиси Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ўзбекистон бахшида ба натиҷаҳои тараққиёти иҷтимоиву иқтисодии ҷумҳурият дар соли 2001 ва арзёбии рафти ислоҳоти иқтисодӣ, ҳамчунин самтҳои асосии амиқгардонии ислоҳот дар соли 2002 ба амал омад. Дар маҷлис Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон Ислом КАРИМОВ суханронӣ кард.***

**(Нутқи Президенти Ўзбекистон дар шумораи оянда чоп мегардад).**

— Соли сипаришуда барои ислоҳоти иқтисодие, ки дар мамлакатамон ба рӯи об бароварда мешавад, соли муҳим буд, — гуфт сарвари давлатамон. — Аз рӯи натиҷаҳои соли 2001 нисбати соли 1991 бори аввал афзоиши маҳсулоти умумии дохила 103 фоиз ба даст омад. Тамойили нигоҳ доштани мӯътадилии меҳиқтисодиёт ва пешрафти иқтисодиёт рӯшан ба назар мерасад. Маҳсулоти умумии дохила ба 4,5 фоиз, истеҳсолоти саноатӣ ба 8,1 фоиз, тайёркунии маҳсулоти кишоварзӣ ба 4,5 фоиз афзуд. Дараҷаи инфлятсия ба ҳисоби миёна моҳе 2 фоизро ташкил дод. Даромади воқеии аҳолӣ ба 16,9 фоиз афзуд. Пешрафт дар мувозинаи моли беруна таъмин гардида, дар ин бахш салдои мусбӣ ба даст омад. Аз ҳама муҳимаш, ба рақобати номусоиди бозаргонӣ нигоҳ накарда, ба Ўзбекистон муяссар гардид, ки чун дараҷаи пештара захираи тиллову асъори мамлакатро нигоҳ дорад.

Президент амалӣ гардондани лоиҳаҳои калони сармоягузориро дар соли гузашта, аз қабили сохтмони Маҷмӯи газу кимёи Шӯртан, корхонаҳои калонтарини бофандагӣ ва дигар корхонаҳоро махсусан зикр намуд.

Ислом Каримов ба масъалаи рушди соҳибкории хурду миёна дар ҷумҳурият мудом диққату эътибори махсус медиҳад. Дар маҷлиси кунун ҳам сарвари давлатамон зикр намуд, ки дар соҳаи мазкур тағйиротҳои назаррас рух додаанд, саҳми он дар ҳаҷми маҳсулоти умумии дохила 24,5 фоизро ташкил дод.

Ҳиссаи сектори инфиродии мамлакатҳои мутараққӣ дар иқтисодиёт 50-60 фоизро ташкил медиҳад. Ва он тезтар мос гардондани иқтисодиёти мамлакатҳои мазкурро ба вазъият дар бозори ҷаҳонӣ, ба рақобаттобоварӣ таъмин месозад. Вале дар ҷумҳурияти мо дар ин бобат як қатор камбудиҳо мавҷуданд. Аз он ҷумла, дар 31 ноҳия то ҳол ягон корхонае арзи ҳастӣ намекунад, ки дар пойгоҳи сармояи хориҷӣ созмон ёфта бошад. Президент сусткориро дар ин бобат ба зери тозиёнаи сахти танқид гирифт ва бори дигар зикр намуд, ки сектори хусусӣ бояд асоси иқтисодиёти моро ташкил диҳад. Диққату эътибор ҳамчунин ба собитқадамона идома додани ислоҳот дар кишоварзӣ, аз он ҷумла, масъалаи фароҳам овардани шароити зарурӣ баҳри рушди ҷунбиши фермерӣ нигаронда шуд.

Дар маҷлис масъалаи тайёркунии кадрҳо ҷиддан ба миён гузошта шуд. Ислом Каримов махсусан зикр намуд, ки ҳоли ҳозир зарур аст диққату эътибор ба тайёркунии мутахассисон дар коллеҷҳои наве нигаронда шавад, ки на танҳо барои имрӯз заруранд, балки талабот ба онҳо дар оянда ба назар гирифта шавад. Ба зиммаи вазорату идораҳои дахлдор вазифаи тайёркунии барнома то давраи соли 2001 бо назардошти дурнамои пешрафт ва дигаргунсозиҳои сохтории иқтисодиёт гузошта шуд, ки ба вуҷуд овардан ва ҳатталимкон босамар истифода бурдани нерӯи интеллектуалӣ, бо шуғл фаро гирондани ҷавононеро таъмин месозад, ки муассисаҳои таълимиро хатм мекунанд.

Дар солҳои сипаришуда корҳои мушаххас оид ба аз тасарруфи давлат баровардан ва хусусигардонии амвол ба иҷро расонда шуданд. Вале, чуноне ки Президент зикр намуд, то ҳол ягон корхонаи муқтадире хусусӣ гардонда нашудааст, ки дар иқтисодиётамон нақши ниҳоят калонеро мебозад. Ва он суръатфизоии ислоҳотро дар соҳа тақозо дорад, аз ҳамин сабаб соли 2002 дар ин бобат бояд гардишӣ гардад.

Дар маҷлиси Девони Вазирон масъалаҳои босамар истифода бурдани захираҳои замин, об, газ ва энергетика муфассал муҳокима гардид. Ислом Каримов камбудӣ ва хатогиҳои ҷиддиро дар ҷодаи мазкур ба забон гирифт.

Чандин сол боз дар минтақаи мо камчинии об мушоҳида карда мешавад. Ба ин нигоҳ накарда, ҳодисаҳои нооқилона истифода бурдани об барҳам намехӯранд.

Дар мамлакатамон чунин ҳолатро дар истифодабарии газ ва захираҳои сӯзишвориву энергетикӣ ҳам мушоҳида кардан мумкин аст.

Дар хотима Президент бо қаноатмандӣ зикр намуд, ки дар солҳои истиқлолият шуур, ҷаҳонбинии одамон тағйир ёфтааст. Дар халқ ҳисси муҳаббат нисбати Ватан пурзӯр гардидааст.

Дар маҷлис аз рӯи масъалаҳои муҳокимагардида иттилооти раиси Кумитаи давлатӣ оид ба захираҳои замин Э.Қурбонов, ҷонишини аввали вазири кишоварзӣ ва хоҷагии об А.Ҷалолов, ҷонишини вазири кишоварзӣ ва хоҷагии об А.Ҷӯраев, сардиректори Оҷонсии «Ўзкоммунхизмат» Ў.Холмуҳаммедов, ҳокими вилояти Сирдарё А.Исроилов, ҳокими вилояти Ҷиззах У.Яманқулов, ҳокими вилояти Намангон Т.Ҷабборов, вазири адлия А.Полвонзода шунида шуданд.

Аз рӯи масъалаҳои муҳокимагардида маҷлис қарорҳои дахлдор қабул намуд.

**Анвар КАРИМОВ,**
**мухбири ЎзА.**

## Ташрифи ҳайати вакилони Ҳукумати Тоҷикистон

***Нахуствазири Ҷумҳурияти Тоҷикистон Оқил ОҚИЛОВ 12 феврал ба мамлакати мо ташриф овард. Дар майдони ҳавоии Тошканд меҳмонони воломақомро Нахуствазири Ҷумҳурияти Ўзбекистон Ўткир СУЛТОНОВ пешвоз гирифт.***

Дар қароргоҳи пойтахт гуфтушунидҳои ҳайатҳои вакилони ду мамлакат ба амал омаданд. Дар рафти сӯҳбат масъалаҳои рушди минбаъдаи равобити байниҳамдигарӣ байни Ўзбекистон ва Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Маълум аст, ки моҳи декабри соли гузашта Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов ба Тошканд бо сафари расмӣ ташриф оварда буд. Дар рафти сафар гуфтушунидҳои доманадор бо Президенти Ўзбекистон Ислом Каримов ба амал омада, аҳду паймон аз рӯи бисёр масъалаҳо ҳосил гардида буд.

Мулоқоти кунунии нахуствазирон идомаи гуфтушунидҳои президентҳо буд. Аз рӯи натиҷаҳои мулоқот созишнома дар бораи ҳамкори байни ҳукуматҳои ду мамлакат ба имзо расид.

Ўзбекистон ва Тоҷикистон транзит барои дигар мамлакатҳо ба ҳисоб мераванд. Ҳангоми мулоқоти декабрии президентҳо аҳду паймон дар бораи вусъат додани ҳамкорӣ оиди боркашонӣ, равуо кардан ба якдигар ҳосил гардида буд. Ҳуҷҷатҳои ба имзорасида барои ҳосил шудани ин мақсадҳо хизмат мерасонанд. Ҳаҷми расонда додани борҳо, сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ, захираҳои моддиву техникӣ ва маъданӣ, дигар намудҳои мол вусъат меёбад.

Худи ҳамон рӯз ҳайати вакилон таҳти сарпарастии Нахуствазири Тоҷикистон Оқил Оқилов аз Тошканд рафт.

**(ЎзА).**

## Сабақҳои раъйпурсӣ

***Дар Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон бахшида ба натиҷаҳои раъйпурсӣ, ки 27 январи соли кунун ба амал омад, нишасти матбуотӣ доир гардида, таҳти сарпарастии раиси Кумитаи Олий Маҷлис оид ба матбуот ва иттилоот Ўткир ҲОШИМОВ гузашт.***

Дар назди паёмнигорон аъзои Комиссияи Марказии интихоботӣ, сарварони сохторҳои дахлдори Олий Маҷлис суханронӣ карда, аҳамияти чунин тадбири муҳим, аз қабили раъйпурсиро тавзеҳ дода, аз хусуси вазифаҳои навбатӣ изҳори ақида намуданд, ки аз натиҷаҳои он бармеояд.

Раъйпурсӣ бо муташаккилӣ ва рӯҳбаландӣ гузашт, ки ба он омилҳои зерин мусоидат намуданд. Пеш аз ҳама тамоми асосҳои ҳуқуқии раъйпурсӣ аз нав дида баромада, таҳрир гардиданд. Ба як қатор санадҳои қонунгузорӣ тағйироту иловаҳо дохил карда шуданд. Масъалаҳои ба раъйпурсӣ гузошташуда возеҳу аниқ буданд. Комиссияи марказии интихобот, комиссияҳои ҳавзагиву қитъавӣ оид ба гузарондани раъйпурсӣ, аъзоёни гурӯҳи ташаббускор хуб кор карданд.

Акнун саволи ҳаққонӣ бармеояд: раъйпурсӣ гузашт, мо аз он чӣ гуна сабақ бардоштем ва ин тадбири муҳими сиёсӣ моро ба чӣ водор месозед?

Аввало, раъйпурсӣ бе ягон фишороварӣ ба шаҳрвандон гузашт. Мо аз паи рақамҳо надавидем, барои азму иродаи худро озодона изҳор кардани шаҳрвандон кулли шароитро фароҳам овардем. Ба ин нигоҳ накарда, ба саволи якум 6,35 фоиз, ба саволи дуюм 8,22 фоизи шаҳрвандон муқобил овоз доданд. Ва он гувоҳ бар ҳамин мебошад, ки раъйпурсӣ дар пойгоҳи талаби усулиятҳои демократӣ гузашту одамон азму иродаи худро озодона ва холисона баён карданд. Аз ин рӯ чун давраи салтанати Шӯроҳо натиҷаи сад фоиз қайд нагардид ва гувоҳ бар ҳамин мебошад, ки маданияти сиёсии мардуми мо ба дараҷае боло гашта, тасаввурашон дар хусуси демократия бой гардидаасту дар ҷамъиятамон фикрҳои мухталиф ба миён омадаанд, ки таккони бузург баҳри пешрафти минбаъда мегардад. Вале як чизро набояд фаромӯш кард, ки қариб ду миллион нафар шаҳрвандоне, ки муқобил овоз додаанд, ин корро ба он мақсад кардаанд, ки онҳо тарафдори боқӣ мондани парлумони якпалатагӣ ва тағйир надодани мӯҳлати конститутсионии ваколати Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон мебошанд. Ин аз ҳамин гувоҳӣ медиҳад, ки мардум ба аҳамияти ҷамъиятиву сиёсии масъалаҳои ба раъйпурсӣ гузошташуда амиқан сарфаҳм рафта, чунин рафтор кардааст.

Баъдан, раъйпурсӣ бе ягон ҳаёҳуй, даъватҳои баландпарвоз гузашт, ки он ба чунин тадбирҳои салтанаи пештара хос буд. Баробари ин раъйпурсӣ қариб се сол пеш аз интихоботи навбатӣ гузашт ва имконият фароҳам меоварад, ки Конститутсия ва қонунҳои ҷориро аз нав дида баромада, тағйироту иловаҳои даркориро шомил гардонем.

Натиҷаи раъйпурсӣ аз ҳамин гувоҳӣ медиҳад, ки дар мамлакатамон ба шаҳрвандон шароит барои гузарондани интихобот ва раъйпурсӣ, ҳамчунин баланд гаштани маданияти ҳуқуқӣ, фаъолнокии сиёсии шаҳрвандон фароҳам оварда шудааст. Кор бошад, он аз камбудиҳо ҳам холӣ нагардиданаш ҳолати муқаррарист. Ҳангоми гузарондани раъйпурсӣ ба камбудиҳои ҷузъӣ роҳ гузошта шуд вале он маънии бар хилофи қонун гузаштани онро ифода намекунад. Инро назоратчиёни хориҷӣ ҳам эътироф намуданд. Ва яке аз камбудиҳо ба иштироки назоратчиёни маҳаллӣ вобастагӣ дорад. Аз он ҷумла, дар раъйпурсӣ беш аз ду ҳазор нафар назоратчиёни маҳаллӣ иштирок намуданд, ки қисми зиёди онҳоро намояндагони мақомоти худидораи шаҳрвандон ташкил дод. Вале дар ин тадбири муҳими сиёсӣ иштироки назоратчиёни ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилоту иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ суст буд. Масалан, аз ҳизбҳои сиёсӣ ҳамагӣ 451 назоратчӣ иштирок намуд. Намояндагони воситаҳои ахбори оммавӣ, Ҷунбиши ҷамъиятии ҷавонони «Камолот» башумур буданд.

Ҳамчунин зикр гардид, мувофиқи азму иродае, ки халқ баён кард, ба вакилони халқ лозим меояд иҷрои корҳои зиёди қонунбарориро таъмин созанд, ки мебояд ба такмили санадҳои қонунгузории дахлдор нигаронда шаванд. Барои бомуваффақият амалӣ гардондани вазифаи мазкур дар назди Кумитаи Олий Маҷлис оид ба қонунбарорӣ ва масъалаҳои судиву ҳуқуқӣ гурӯҳи корӣ созмон ёфтааст, ки ба мониторинги амалияи ҷаҳонӣ дар ин соҳа ва таҳияи консепсияи парлумони дупаталагӣ шурӯъ намудааст.

Хуллас, корҳои зиёде дар пешанд ва зарур аст, ки мазмуну моҳияти раъйпурсӣ, натиҷаҳои он дар байни халқ васеъ маънидод карда шавад. Лозим аст тавзеҳ дода шавад, ки раъйпурсӣ имконияти калонро дар бобати дар қонунҳо акс ёфтани азму иродаи халқ, ба вуҷуд овардани мақомоти ҳокимияти давлатӣ бо назардошти фикру мулоҳизаҳои он, сохтмони ҷамъияти демократии ҳуқуқбунёд фароҳам овард.

Паёмнигорон ба саволҳои худ посух гирифтанд.

**Т. ЭҲСОН.**

*Шарҳи рӯзнома*

## Мавсими пурмасъулият фаро мерасад

Хунукии қаҳратуни зимистонро алҳол ҳавои гарм иваз карда, рӯзҳо оҳиста-оҳиста дароз мешаванд. Дар қиру ёнаҳо сабзаҳо дамидаанд, дар баъзе маҳалҳо дарахтони бодом саросар ба гул фаро гирифта шудаанд ва он аз ҳамин далолат медиҳад, ки баҳор-фасли кишту кор фаро мерасаду бояд деҳқон ғами ҳосилиояндаро хӯрад.

Акнун саволи ҳаққонӣ ба миён меояд: пахтакорону ғаллакоронамон, ки дар ду соли охир оқибатҳои гарони камчинии обро аз сар гузаронданд, ба душвориҳои табиат меҳнати зарбдорона, таҷрибаи бои худро мақобил гузошта, ҳар сол ҳосили фаровон ба даст меоваранд, ба мавсими имсолаи кишту кор чӣ гуна тайёрӣ дидаанд, тадбирҳои тирамоҳиву зимистониро чӣ тавр дар амал татбиқ мекунанд?

Маълум аст, ки ба тадбирҳои тирамоҳиву зимистонӣ шудгори замин, таҳту ҳамворкунии қитъаҳо, ба мавсим омода сохтани техникаи кишту кор, тухмӣ, нуриҳои маъданиву пору, тоза кардани ҷӯю заҳбурҳо шустани шӯрии замин, озуқонидану бо нуриҳои маъданиву маҳаллӣ, таъмин кардан, обмонӣ ба ғаллазор ва ғайра иборат аст.

Аз маълумотҳое, ки аз Вазорати кишоварзиву хоҷагии об расидаанд, маълум мегардад, ки баҳодурони саҳрои ҷумҳурият ба мавсим пухта тайёрӣ мебинанд. То аввали моҳи феврал кулли тадбирҳои тирамоҳиву зимистонӣ анҷоми худро ёфта, натиҷаҳо дар ин бобат нисбати солҳои пешина хеле хуб аст. Аз он ҷумла, дар байни ноҳияҳо меҳнаткашони ноҳияи Олтинкӯли вилояти Андиҷон аввалин шуда аз хусуси тайёр буданашон ба маъракаи кишту кор мужда расонданд. Меҳнаткашони ноҳия то ҳол 6544 гектар замин, ба миқдори зарурӣ пардаи сунъиро, ки барои кишти пунбадона зарур аст, 377 тонна тухмиро ба мавсим тахт карда мондаанд.

Умуман дар ҷумҳурият корҳо дар бобати тайёр кардани замин ба кишту кор нисбати солҳои пешина суръати баланд пайдо кардаанд. Алҳол дар тамоми хоҷагиҳои пахтакори ҷумҳурият беш аз 70 фоизи замини кишткунанда тахту ҳамвор гардидааст. Ҳарчанд ин нишондиҳандаи бад набошад ҳам, вале дар ин бобат деҳқонони вилоятҳои Тошканд, Намангон аз сафи ақибмондагон ҷо пайдо кардаанд.

Тозаву «лучкунӣ» ва бо дору фаро гирондани маводи кишт ҳам нисбати солҳои пешина бо суръати баланд давом дорад ва нишондиҳандаи умумӣ дар ҷумҳурият дар ин бобат мутобиқан ба 100,83 ва 77 фоиз баробар аст. Супоришро дар бобати «лучкунӣ»-ву ба мавсим тахт кардани пунбадона вилоятҳои Бухоро, Қашқадарё, Самарқанд пурра ба иҷро расондаанд ва тухмӣ алҳол дору карда, ба хоҷагиҳо роҳ пеш мегирад.

Бо нуриҳои маъданӣ ва поруи маҳаллӣ таъмин кардани киштзор нисбати солҳои пешина як қатор қафо мондааст. Ба фикри мутахассисон маҳз сари вақт бо нуриҳои маъданӣ ва поруи маҳаллӣ таъмин накардани киштзор якҷоя бо камчинии об ду соли охир сабаби паст шудани ҳосили пахта мегардад. Ҳангоми шудгори тирамоҳи ба 287,7 ҳазор гектар, ки ҳамагӣ беш аз 30 фоизи майдони кишти умумии пахтаро ташкил медиҳад, нуриҳои калийдору азотдор андохта шудааст. Ба саҳро пошидани поруи маҳаллӣ ҳам табъи дил нест. Ва ин нишондиҳанда то аввалли моҳи феврал ба 52,5 фоизи супориш баробар асту халос. Дар ин бобат деҳқонони вилоятҳои Сурхондарё, Сирдарё, Ҷиззах, Тошканд, Қашқадарё, Навоӣ бо ду по меланганд.

Дар айни замон барои суръати баланд пайдо кардани кишт нақши техникаи хуб аз таъмир баромада, хушсифат тайёр кардани маводи кишт низ калон мебошад. Алалхусус тахт намудани пардаи сунъӣ низ аҳамияти калон дорад. Чунки имсол дар саросари ҷумҳурият ба беш аз 300 ҳазор гектар пунбадона дар зери пардаи сунъӣ кошта мешавад, ки онро ҳамчун технологияи андиҷониён ҳар як сокини ҷумҳурият ба хубӣ медонад. Аввал моҳи март бо ин усул кишт гузаронда мешавад. Ба ҳамин мақсад то ҳоли ҳозир 5600 тухмипошак ва 6538 тонна пардаи сунъӣ тахт гардидаасту имконият медиҳад, ки тадбири мазкур сари вақту хушсифат гузаронда шавад.

Каме нарм шудани ҳаво ва тафсидани офтоби ғаллакоронамонро ҳам водор сохт, ки филфавр барои амалӣ гардондани тадбирҳое шурӯъ, ки кунанд, дар бобати зиёд шудани ҳосили ғалладона нақши калоне мебозад. Ва он пеш аз ҳама бо гузоштани оби навбатӣ ва озуқонидан бо нуриҳои маъданиву поруи маҳаллӣ яъне озуқонидан алоқаманд мебошад. Ва ин тадбир алҳол муташаккилона гузаронда мешавад.

Баробари ин баҳодурони саҳрои ҷумҳурият ба тоза кардани ҷӯю заҳбурҳо, тартиб андохтани шабакаҳои обёрикунии болопӯшидаи дохилаву байнихоҷагӣ, дигар иншоотҳои обёрикунӣ шурӯъ карданд ва хуб медонанд, ки сари вақт амалӣ гардондани ин корҳо пеш аз ҳама барои сабук кардани муаммоҳое мусоидат мекунад, ки бар асари камчинии об ба миён омаданашон мумкин аст. Ғаллакорон барои аз поймолкунӣ нигоҳ доштани ғаллазор ҳам тадбирҳои муфидро андешидаанд ва аз ҳамин сабаб ҳодисаи поймолкунии ғаллазор нисбати солҳои пешина аз ҷиҳати фоиз кам рух додааст.

Мисолҳои мазкур гувоҳӣ медиҳанд, ки деҳқононамон ба мавсими пурмасъул бо тайёрии пухта меоянд ва он яке аз омили муҳим дар бобати ба даст овардани ҳосили фаровон хоҳад гардид.



## Ба Қарнабчӯл баҳор барвақт меояд

Ноҳияи Нурободи вилояти Самарқанд яке аз маҳалест, ки душворгузар ва шуғли асосии меҳнаткашони онро чорводорӣ ташкил медиҳад. Яъне онҳо аз паи чорвопоӣ нони ҳалол мехӯранд. Чорвои ноҳия асосан дар Қарнабчӯл мечарад. Алҳол дар ин дашт 113 ҳазору 626 сар чорвои ноҳия парвариш меёбад, ки 82 сарашро барраҳо ташкил медиҳанд.

Ноҳияи мазкур аз як тараф бо вилояти Қашқадарё ва аз тарафи дигар бо вилояти Навоӣ ҳамсарҳад буда, чорводору хоҷагиҳои номдореро молик аст, ки бо комёбиҳои калони меҳнатии худ ҳамагонро дар ҳайрат мегузоранд. Яке аз онҳо хоҷагии ширкатии «Саҳоба ота» мебошад, ки қиру ёнаҳои зиёде чарогоҳи асосӣ барои чорвоянд. Ва майдони умумии чарогоҳҳои хоҷагӣ аз сад ҳазор гектар зиёд аст.

Хоҷагии ширкатии «Саҳоба ота» ба чорводорӣ махсусонида шудааст. Он хоҷагии номдор дар ҷумҳурият ягона пешсаф ба ҳисоб меравад ва дар ин бобат хизмати раиси пештараи он, чорводори шоистаи Ҷумҳурияти Ўзбекистон, марҳум Тӯхтамуродбобо Усанов калон аст.

«Касби падар беҳ аз мулки падар» гуфтагӣ барин фарзанди калонии марҳум раис Раҳимузоқ Усанов ҳам пешаи падарро давом дода, бо чорводорӣ машғул гардид, ном баровард. Ва аҳли хоҷагии мазкур ӯро якдилона раиси хоҷагии «Саҳоба ота» интихоб намуданд.

— Аз меҳнати зарбдоронаи чорводоронамон ҳамагон хурсанд ҳастанд, — мегӯяд Раҳимузоқ Усанов. — Аз зимистон чорворо беталаф мебарорем. Ва он самараи тайёрии ҳамаҷонибаамон аст. Чунки то оғози зимистон ғами чорворо мехӯрем. Ба қӯтану отарҳо хӯроки заруриро захира менамоем. Аз он ҷумла, ба ҳозир кардани хӯроки омехта, коҳу хошок диққату эътибори калон медиҳем. Дар айни замон маъракаи наслгириро марҳила ба марҳила мегузаронем. Алалхусус дар отарҳои гарм ин усул самараи баланд мебахшад.

Отарҳои хоҷагиро давр зада, комёбиҳои чорводоронро бо чашмони хеш муоина карда, ба он боварӣ ҳосил кардем, ки дар ин ҷо ҳақиқатан меҳнати зарбдорона ҳукм меронад, тамоми тадбирҳо сари вақт ҷомаи амал мепӯшанду ба натиҷаҳои баланд мусоидат менамоянд. Тадбиргарӣ, ташаббускории чорводорон даст медиҳад ва дар ин бобат намуна будани худи раиси хоҷагӣ бисёр чизро ҳал мекунад.

Оре, хунукии қаҳратуни зимистон паси сар мешавад. Нишонаҳои баҳор дар Қарнабчӯл пайдо мегарданд. Ва он аз ҳамин гувоҳӣ медиҳад, ки чун ҳарсола ба дашти мазкур баҳор боз барвақт меояду ба он тайёрии ҷиддӣ дидан лозим меояд.

Алҳол тамоми чорводорон, алалхусус, ҷӯпонон аз паи ба даст овардани барраҳои солим, афзун гардондани маҳсулдеҳии чорвоянд. Барои ба чарогоҳи тобистона баровардани чорво ҳозирӣ мебинанд. Барои меҳнату истироҳати чорводорон кулли шароит фароҳам оварда мешавад.

Чарогоҳҳои хоҷагии ширкатиро муоина карда, боз як бор ба он боварӣ ҳосил мекунед, ки ҳар як ваҷаб хоки мамлакатамон ба зар баробар асту танҳо меҳнати зарбдоронаи ҳар кадом барои афзун гардондани комёбиҳо омили асосӣ ба ҳисоб меравад.

**Дар сурат:** сарвари шӯъба **Суюн ТУРДИНИЁЗОВ** ва сардори бригада **Суннат УСАНОВ** дар чарогоҳ.

**Матн ва сурати**
**Т. НОРҚУЛОВ. (ЎзА).**

## Панҷ соли АБЭӮ

***Анҷумани байналмилалии экспедиторони Ўзбекистон (АБЭӮ) ба қарибӣ панҷсолагии таъсиси худро ҷашн гирифт, ки дар он меҳмонон аз Қазоқистон, Русия, Эрон, Шветсария ва дигар кишварҳои ҳамкори онҳо ҳузур доштанд.***

Имрӯз АБЭӮ на танҳо корхонаву ширкатҳои боркаши автомобилиро муттаҳид месозад, балки бо дархости миҷозон онҳо аз тариқи ҳавову об ва роҳи оҳан низ борҳоро ба манзил мерасонанд.

— Ман фикр мекунам, ки дар панҷ сол мо корҳои зиёди калонмиқёсро анҷом додем, ки на ҳар як чунин анҷумани дигар онро ӯҳда карда метавонад, — гуфт дар нишасти матбуотии ҷашнӣ раиси кулли АБЭӮ Ҳаким Матчонов. — Ба ғайр аз ин ки мо борҳоро ба нуқтаи муайян мерасонем, бароямон чӣ гуна ва дар чӣ мӯҳлат ба ҷои муқарраршуда расонданашон низ муҳим мебошад. Аз ин рӯ, фаразан, барои ба Урупо бурдани бор аз ҷумҳурӣ аз тарафи Туркманистон — Эрон то Бандари Аббос нисбат ба роҳи шимол аз тариқи Русия ва дигар кишварҳо ҳам дар муддати кӯтоҳ ва ҳам арзон тамом мешавад.

АБЭӮ имрӯз бори асосии башардӯстонаро аз Тирмиз ба Афғонистон мебарад ва ин корро онҳо аз тариқи об анҷом медиҳанд.

— Аз аввали сол то ҳол бештар аз 12 ҳазор тонна борро аз роҳи об ба тарафи Афғонистон бурдем, — мегӯяд Шӯҳрат Расулов — сарпарасти бандари обии «Тирмиз». — Дар ихтиёри мо 9 адад баржа мавҷуд аст, ки ҳар яки он дар як дафъа то 1700 тонна бор мекашад.

АБЭӮ дар арафаи ҷашни панҷсолагии худ барои беҳтарин экспедиторони худ мукофоти махсус таъсис намудааст, ки онро «Нилуфар» номидаанд, ки аз 300 грамм нуқраи соф рехта шудааст.

Аз тараддуд ва кайфияти раёсати АБЭӮ равшан мегардад, ки онҳо ҷашни панҷсолагии худро воқиан бо рӯҳияи хуби корӣ ва дастовардҳои шоиста пешвоз гирифтаанд.

**Т. МИРҲАЁЕВ.**

Абдулло Субҳон

# Маҳрами роз

(Аз дафтари рубоиёт)

Ку маҳрами роз, шишае боз кунем,
Рагҳои ҳазини дил нахи соз кунем.
Сар монда ба сар, пас он чу мастони асил,
Аз дард суруди тоза оғоз кунем.

*****

Баргӯй, аё дӯст, аё маҳрами роз,
Аз умр ҳадаф чист дар ин шебу фароз?
Инсонӣ чаро нест дар инсон имрӯз,
Гоҳо беҳ аз ӯянд хару гургу гуроз?

*****

Тақдири азал ба дасти он деҳқон аст,
Ҳам кишткунанда, ҳам даравгар он аст.
Дар дӯли ҳаёт гандуми рехтаем,
Дунё ба мисоли осиё гардон аст.

*****

Шоир ба сухан нозаду дарё ба гуҳар,
Деҳқон ба самар, най ба шакар, шоҳ ба фар.
Гулзор ба гулҳои тараш ноз кунад,
Сармояи нози мо туӣ, ай гули тар.

*****

Дузде ба ҷаве даруни маҳбас хоб аст,
Оне, ки хазинаро рабуд арбоб аст.
Гар дузд наҳанг аст шабаш тор, аҷаб,
В-ар дузд ба инсоф шабаш маҳтоб аст.

*****

Бемодару бепадар нагардад фарзанд,
Мӯҳтоҷи каси дигар нагардад фарзанд.
Мӯҳтоҷи каси дигар шавад дарди бахайр,
Овораву дар ба дар нагардад фарзанд.

*****

Тоҷик дигар намекушад додари хеш,
Озор намедиҳад ба хоҳару модари хеш.
То ҳаст чунин бод, худоё, такрор
Оташ назанад ба хаймаву чодари хеш.

*****

Мо чун дигарон фикри дурӯӣ накунем,
Пӯшида уюбу айбҷӯӣ накунем.
Бар он, ки ба ҷони мо ситамҳо кардаст,
То ҳастему ҳаст ҷуз накӯӣ накунем.

*****

Дар ишқ басе мӯъҷизаҳо пинҳон аст,
З-он хор гулу шикастадил шодон аст.
Гар нест дар одамӣ ҷаве з-ин иксир,
Шаклан одам асту мазмунан ҳайвон аст.

*****

Дар асри бисту бисту як зистаем,
Норозиву розӣ аз фалак зистаем.
Ҳар давру замон хоса талабҳое дошт,
Мо дар талаби ҷамоли Ҳақ зистаем.

*****

Аз одами берӯю риё метарсам,
Аз каждуми хуфта зери по метарсам.
Боке набувад аз шарики озмуда,
Аз он рақиби дӯстнамо метарсам.

*****

Ин субҳ ба мисли кӯдаки навзод аст,
Аз домани хуршед ба хок афтодаст.
Дар маҳбаси шаб ҷаҳон асир буд, асир,
Ӯ зода шуду ҳама ҷаҳон озод аст.

*****

Як мардуми мӯъмину мусалмон ин ҷост,
Огоҳдилу шеъру ғазалхон ин ҷост.
Берун наравам чу Ҳофиз аз кишвари хеш,
Берун ин ҷост, оламу инсон ин ҷост.

*****

Пероҳани нав дар бари ҷангал дидам,
Пурсабза сари ин замини кал дидам.
Бикшой гиребони қабо ғунчасифат,
Растохезе ба кӯҳу кӯтал дидам.

*****

Дар роҳи арӯси сол пойандоз аст,
Оғӯши кӯҳу дара ба рӯяш боз аст.
Ҳар сӯ нигарад, ҳамон тараф сабз шавад,
Сар то қадами Баҳоргул эъҷоз аст.

*****

Ин қавми закӣ забонфурӯш аст кӣ гуфт?
Бори гунаҳи азим ба дӯш аст кӣ гуфт?
Дар хонаву бозор бухорӣ даригӯст,
Он шӯълаи яздонӣ хамӯш аст кӣ гуфт?

*****

Одам ба ҷаҳон омадаву пас наравад,
Бо хас нишинад, валек чун хас наравад.
Аз гулшани зиндагӣ, ки хораш кам нест,
Ночида гули мурод як кас наравад.

*****

Маҳтобшаб асту шири маҳ рехта аст,
Он ширбадан зи хона бигрехтааст.
Бар гардани ёр ҳалқа дастони вай аст,
Ё дасти сафеди моҳ овехта аст?

*****

Бозорӣ занону хонагӣ мардонанд,
Озорӣ занону шавҳарон нолонанд.
Омад магарам замони модаршоҳӣ,
Мардон ба занон, занон ба мардон монанд.

*****

Як пораи абр дар фазо мебинам,
Қуе бари об дар шино мебинам.
Бо чашми хаёл ҳар чиро мебинам,
Дар сафҳаи дил акси варо мебинам.



# Юсуф Нишон — одами хуб

Ӯ марди миёнақади чорпаҳлӯст. Ҳамеша шиму гимнастеркаи голифеи хушдӯхт пӯшида, бо рафтори хубу хушгуфторӣ ҳамеша миёни мардум аст. Амаки Юсуфро сар то сари Сӯхзамин хуб мешиносанду аз ғоибу ҳозираш ҳурмату эътиромаш мекунанд. Ин бесабаб нест, албатта.

Солҳои наврасию ҷавонии худ яке аз фаъолон, ҷонфидои миллату диёр буд, алайҳи ҳар гуна пасттинатон фаъолона даст ба гиребон мешуд. Дар мустаҳкам намудани соҳаи хоҷагии деҳоти Сӯхзамин ҳамроҳи собиқ директори совхози «Сӯх» шодравон Мӯйдин Юнусов паҳлӯ ба паҳлӯ истода ғайрат кард. Дар кадом соҳае кор накарда бошад, пешраву пешсаф буд. Солҳое, ки сарварии бозори Сӯхро ба ӯҳда дошт, дар сохтани растаҳои савдо мағозаҳо, нуқтаҳои хизмати маишӣ, қассобхона, чойхона ва ғайра саҳм гирифта, диёрашро ободу зебо намуд.

Амаки Юсуфро мардум боз аз он эҳтиром мекунанд, ки вай яке аз ташаббускорони ба ноҳияи Сӯх оварда шудани гази табиӣ мебошад. Ӯ ба идораҳои болоии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон рафт, лоиҳаҳои газро тахту тайёр намуда, онро аз тасдиқ гузаронд, то ки деҳотҳои дурдаст низ аз нуқтаи гази табиӣ бебаҳра намонад. Аз ин рӯ, ҳар лаҳза мардум ин марди соҳибқавлу ҷаннатиро дуои нек мекунанд.

Амаки Юсуф ба хурду калон баробар аст. Дар маъракаҳо маслиҳагӯ буда, аҳли диёрро ба корҳои нек ҳидоят мекунад. Маданияти баланд ва меҳнати ҳалол ӯро сӯи Маккаи Мунаварра роҳнамун сохту ӯ яке аз аввалинҳо шуда дар Сӯхзамин ба ҳоҷӣ шудан муваффақ гашт. Оне, ки барои мардум, миллат, Ватан, халқи сарбаландаш меҳнат мекунад, Офаридгор медонаду ба вай боз медиҳад.

Вақти пирӣ ин марди ҷаннатӣ дар ҳалқаи дӯстону бародарон, хешу ақрабоҳо ҳамеша азиз ва даркорист, бе ӯ ҳар нишасту маъракаҳои дӯстон ва аҳли деҳа гӯё безеб аст. Ӯ якчанд фарзандони накӯномро калон кардаву ба воя расонда, инак роҳати пириро мебинаду дами хуш мезанад.

Амаки Юсуф соли гузашта ба доираи сӯхиёне, ки дар Фарғона кору зиндагӣ мекунанд, роҳ ёфта, онҳоро насиҳат намуд, ки бо ҳам иттифоқ бошанд, ҳамдигарро ёд кунанд, аз паи кору зиндагӣ шуда, хешу ақрабои худро фаромӯш накунанд. Ақаллан моҳе як бор ба дидори ҳамдигар шитобанд, бо забони модарӣ гуфтугӯ ва сӯҳбат кунанд, аз дидори ҳамдигар сер шаванд.

Панди амакро ҳама дастгирӣ карда, анъанаи неки моҳе як маротиба ҷамъшавии сӯхиҳо ташкил дода шуд, ки он аз аҳамияти маънавӣ холӣ нест.

Амак олами худодод ҳастанд. Бобои меҳрубони чанд набераву абераи аз якдигар зебову дӯстрӯ будан ба он кас насиб гардидааст.

Дар соли накӯ — Соли эъзози куҳансолон ба Юсуф Ҳоҷӣ Нишонови 80 сола барори саломатӣ, умри боқӣ ва лабони пуртабассум орзу намуда, аз Офаридгор мепурсем, ки давлати пириашонро подор гардонад.

**Каримҷон МУҲИДДИНОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**

# Адибон ҳам одамони заминианд

***Нависандаи мардумии Ӯзбекистон Ӯткир Ҳошимов бо қиссаи ҳаҷвии «Ду кара ду—панҷ», «Тӯйҳо муборак», мазҳакаи «Доруи виҷдон» ва ҳикояҳои мухталифаш дар дили хонандагони сершумор ҷой гирифтааст. Маҷмӯаи «Пули аз осмон афтода», ҳикояҳои солҳои охир навиштаи адибро дар бар мегиранд: Бештар он чиз назаррас аст, ки муаллиф ҳодисаю воқеаҳои ба пешрафти истиқлолият халалдиҳанда, бюрократия ва коғазбозиро зери тозиёнаи танқид мегирад. Дар баробари ҳамин, як қатор ҳикояҳо аз ин маҷмӯа ба тарзи ҳазлу мутоиба ва шӯхиҳои рафиқона навишта шудаанд. Баъзеи он, феълу хӯй ва хислатҳои ҳамкасбони адибро ифшо намуда, онҳоро ба хонанда боз ҳам наздиктар менамояд. Зеро шоиру нависандаи машҳур ҳам одами хокист.***

***Ба ҳамин маънӣ нависанда дар силсилаи мазкури хеш,ки онро «Шумӣ» ном ниҳодааст, менигорад: «баъзеҳо нависанда ва шоиронро то дараҷае ҷиддӣ мепиндоранд, ки аз қавоқи онҳо мудом барф меборад. Дар асл, ин тавр нест. Эҷодкорони боистеъдод, қариб ҳамагон, хушдори ҳазлу шӯхӣ ва мутоибаву мазҳакаанд. Ҳар қадар, ки истеъдоди эшон баланд бошад, ин хислат ҳамон қадар нозук ва пурқудрат мешавад. Мо нависандагон ҳам байни худ ҳазл мекунем, «шумиҳои» беозор фикр карда мебароем».***

***Инак, чанд ҳикоят аз он силсила.***

***(Аз тарҷумон)***

## «Шпана»

Вақтҳои Дорулфунунро нав хатм карданам буд.«Одамон чӣ мегуфта бошанд?» гуфтанӣ қиссаам китоб шуда баромадагӣ...Озод Шарофиддинов, Субутой Долимов, Умаралӣ Норматов, дӯсти намангониам — Нуриддин Бобохӯҷаев, ман ва боз як ду нафар мизбонҳо ба Саричелак рафтем.

Дар соҳили кӯли теппаи кӯҳ дам гирифтем.Рӯзи дароз оббозӣ мекардем, обу авқотро ҳам худамон тайёр мекардем. Хулласи калом, қарор додем, ки як ҳафта на риш метарошему на радио мешунавам. Аз ин дунё ҷудо,ёбой зист мекунем... Тақрибан баъди даҳ рӯз боз бо як автомобили боркаш аз кӯҳ фаромадем. Ришу фаш расида сару либосамон афтодаҳол...

Ба маркази Янгиқӯрғон расида, қарор кардем, ки таматтӯъ намоем. Раҳораҳ ба як мағоза сар халондем. Духтараки зебосурате паси пештахта китоб мехонд. Озодака бо одати «қитмириаш» пурсид:

— Хоҳар чӣ хел китоб мехонед?

Духтарак дили бедилон сар боло намуд. Он — китоби ман буд. Дар ин хел маврид ба чи ҳолат афтидани нависандаи ҷавон ба ҳама маълум. Ман хурсанд.

Даҳонам инҷ!

— Ин гуна китобҳои бемаънииро нахонед,«шумӣ» намуд, Озодака. Қаҳри духтарак баромад.

— Худатон бемаънӣ! Китобро нафаҳмед, гап зада чӣ кор мекунед! Даҳони ман — пушти баногӯш.

Озодака ба ман нигариста хандид.

— Мебинӣ, мухлисҳоят зиёд шудаанд.— Сипас, ба духтарак фаҳмонд: муаллифи китоби шумо хондаистода, ҳамин бачча. Диҳед, соядаст навишта медиҳад. Духтарак аз сар то пои ман назар дӯхта, ҷаҳлаш баланд шуд:

— Э, гум шав,шпана! Ман дасту по гум кардам.Шариконам бо овози баланд механдиданд... Махсусан калонсолтарамон домулло Субутой ба зонуҳояшон зада-зада қоҳқоҳ механдид.

Коре карда, Озодака духтаракро бовар кунонд. Китобро аз дасташ гирифта, акнун «Ба мӯҳтарам фалончихон...» навиштанӣ будам, ки аз дарун як йигити сару либосаш вашанг, дандонҳош тилло баромад.

(Ба гумонам, мудири мағоза буд).

— Хӯш, чи ғалоғула?— гуфт бо ғазаб.

Озодака асли воқеаро фаҳмонд. Мудир ба ҳамаи мо як разм андохту аз ман пурсид:

— Ҳуҷҷат дорӣ? Озодака аз ин гап озор дида ба ман хитоб намуд:

— Паспортатро биёр!

Маҷбуран паспорти дар мошина мондаро овардам. Мудир аввал ба паспорт, сонӣ ба ман, баъд ба ҷилди китоб нигоҳ кард. Як фурсат сукут карда ба гап даромад: — Фамилияаш як, сураташ монанд, аммо афташ ба нависанда монданӣ надорад.

— Ана! Бо тантана Субутойдомулло ангуштонашро ба осмон мисли бигиз боло намуда хитоб кард. Одамро шинохта метавонистӣ, писар. Ин дастхати навиштаашро бин! Магар нависанда ҳамин хел менависад? Афти инро бин, хулиганӣ Тошканд-ку! Э, духтарам, э, духтараки соддайе! Ба гапи ҳамин бовар кардӣ!?

Духтараки фурӯшанда китобро бо ҷаҳл аз дасти ман кашида гирифту ҳамон варақи дастхат навиштаи маро дарронда ғиҷим карда ба замин ҳаво дод.

## Пиёзи «бемор»

Бӯстонсарои машҳури Абдулло Қаҳҳор ҳозир аз они Саид Аҳмад мебошад. Ин якум. Дуюм ҳамин ки ин бӯстонсаро дар даромадгоҳи Боғи нависандагон ҷой гирифтааст. Сеюмаш ин аст, ки акаи Саид Аҳмад дар пухтани оши палав ҳамто надоранд. Ба оши аз биринҷи Ҷӯнғараю равғани зайтун тайёр кардаи он кас даҳони бисёр адибон расидагӣ. Чунки устоз ҳеҷ вақт оши палавро танҳо намехӯранд. Ҳамин ки ош пухтанд, аз боғи нависандагон ҳатман дӯстони ба дил наздики худро ёфта таклиф мекунанд. Баъзан ё ба Эркин Воҳидов,ё ба ман занг мезананд.

— Биё бачем, ба аҳли диёр оши дукаса тайёр мешавад... Ошхӯрҳо одамони чандон ноинсоф намешаванд. Ҳар кас ба ҳоли қудрати хеш «ҳисса» мегузорад. Як кас чорто сабзӣ биёрад, каси дигар аз ошхонаи Боғи нависандаҳо як каф намаку як кас — як гӯгирд гуфтагӣ барин...

Дигар чизҳо арзиш надоранд. Гӯшту равған, биринҷи девзира, арақу коняк аз акаи Саид Аҳмад.

Рӯзе аз рӯзҳо Эркин Воҳидов ба ман телефон намуд.

— Биёед, ба бӯстонсарои мӯйсафед рафта, пиёзро хабар гирифта меоем.

— Чи хел пиёз? — гуфта будам, шарҳ дод.

Эркинака ба бӯстонсарои устоз якто не, расо шаш дона пиёз бурда будааст. Пиёз ҳам аз зӯраш будаст! Пиёзи Олтиариқ.

Эркин Воҳидов,Раҳматулло Иноғомов, ман — дарозу калта шуда рафтем. Гуфтем, ки барои хабаргирии пиёз омадем. Устоз бо пешонаи турш бошад ҳам, ош дам кард. Маълум шуд, ки ин ташрифи чорум, ё панҷуми Эркинакаву Раҳматуллоака «барои хабаргирӣ аз аҳволи пиёз» будааст.

Ман ҳам мазахӯрак шуда мондам. Оши муфт ба кӣ намефорад! Шанбеи оянда ба Эркин Воҳидов занг задам.

— Як сари қадам аз пиёз хабар гирем-чӣ?

— Илоҷ надорад, — гуфт Эркинака — «амалиёти пиёз» барбод шуд. Баъд, воқеаро фаҳмонд. Пагоҳӣ ба кӯча бароянд, назди дарвоза қуттиқоғази лентапече будааст. Эркинака ҳайрон шуда, онро кушояд аз дарунаш як дона пиёзи зардшударо аз дохили коғазҳои бисёре кушодааст, назди он, дар лифофа як мактуб ҳам ёфт шудааст. Дар мактуб навиштаанд: «Бачем — Эркин, пиёзат хонаамро пазмон шудам, меравам,— гуфта, бисёр хархаша кард, дилам тоб наовард. Ба зорию таваллo ҳам гӯш надод. Туро бисёр ёд кардагӣ. Ҳатто дарунрав шуда монд. Хафа нашав, ду-се рӯз табобат кунонӣ ба худаш омада мемонад. Ту пиёзатро нағзакак муолиҷа кунонда ист, ҳафтаи оянда, мо сӣ-чил кас шуда ба диданаш меоем».

— Акнун чӣ мекунем — гӯям, Эркин Воҳидов чораи худро нақл кард.

— Ҳоло ба устоз занг зада гуфтанӣ будам, ки дарди пиёз ҷонкоҳ баромад, бечора якбора мурда монд.

— Дар он сурат, мӯйсафед «ба таъзияи пиёз» — гуфта панҷсад касро аз паси худ оранд, чӣ мешавад?

— Ин тарафаш ҳам ҳаст,— гӯён Эркинака ба фикр фурӯ рафт. — Хайр боке нест, боз фикр мекунем, гапи нав ёфт мешавад. Баъди се рӯз ба акаи Саид Аҳмад аз Эркин Воҳидов мактуб омадааст. Дар он чунин навишта шуда буд:

«Устоз! Аз ин ки пиёзи маро ҳамин қадар поидед, раҳмат! Баъди ду рӯз ба по хеста рафт, овора шуда, наоед. «Ҷавонӣ бесарӣ», — гуфтагӣ барин, аз афт, мувофиқашро ёфт, бо як пиёз ба Олтиариқ гурехта рафт!

## Роҳаш ёфт шуд

Эркин Воҳидов баробари хатми университет шоири шинохта буд. Худатон медонед, дар назди одами донишкадаи олиро хонда муаммои хонадоршавӣ кӯндаланг меистад. Аз рӯи ҳамин масъала Эркинака ба акаи Саид Аҳмад маслиҳат мекунад.

— Оқсақол,— гуфтааст ӯ, хабаратон ҳаст,— як, ду то китобам баромад: қариб се ҳазор сӯм пул ҳам дорам. Лекин, ба кадомаш расонам, намедонам. Мошин гирам, хона созам, ё зан гирам? Мошин харам, хона сохта наметавонам, хона созам, зан гирифта наметавонам. Хонадор шавам, ба мошина пул намемонад...Чи кунам?

Акаи Саид Аҳмад пешонаи худро ба мисли гармошкаи Рашид — абзӣ чин карда хеле фикр карда мондааст.Билохир, чеҳрааш кушода шуда, ин тавр гуфтагӣ:

— Ман хуб фикр карда дидам. Ба ҳисобам ҳамин се ҳазорат ба ҳамааш мерасад. Маслиҳат ҳамин, ки ту автобус харида гир! Автобус гуфтагӣ гап, мошин гуфтагӣ гап. Рулашро ба кадом тарафе, ки тобӣ,ба ҳамон тараф меравад. Ин як. Дуюм ин, ки даруни автобус — калон, кӯчу куранатро дарорӣ — хонаи таппа тайёр. Сеюмаш ҳамин, ки автобус шудан баъд, бе кондуктор намешавад. Ҳамон кондукторро зан карда мегирӣ вассалом!

## Биҳӣ

Бо шоири намангонӣ Ҳабиб Саъдулло дар ошхона сӯҳбат карда мешиштем. Ин дам акаи Саид Аҳмад занг зада монд. Аз ташрифи Ҳабибҷон огоҳӣ ёфта ба боғаш таклиф намуд.

— Аз як соат дер накарда биёетон. Ош дам карда мемонам.

Биёем, дар ҳақиқат ош дам кардагӣ буд.

— Биҳӣ ҳам андохтам,— бо таъриф гуфт устод. — Ба даҳон андозӣ, об мешавад.Ҷонвор имсол хуб ҳосил кард-дия!

Дар бӯстонсаро будани дарахти биҳиро фаҳмида, пурсидам:

— Торик шуда истодааст,— Бевақт монам, хавотир мешаванд? Саид Аҳмадака дуруст маслиҳат дод:

— Ана телефон! Занг зан. Гӯй, ки дар хонаи ман ҳастӣ. Ош карда истодаем,— гӯй.

— Дуруст — куя, — гуфтам, худро «ба нодонӣ зада». Дар хонаи мо бовар мекунанд, ки ман дар хонаи шумо. Ба ош ҳам бовар мекунанд. Аммо, устоз ба ош биҳӣ андохтагӣ, дар бӯстонсарои шумо биҳӣ хуб ҳосил додагию шохҳояш сарозер гӯям,бовар намекунанд-дия!

— Оббо! Ҳар дафъа омада, як чиз ба чангол нагирӣ, дилат ба ҷояш қарор намегирад-а? Саид Аҳмадака ҳаминро гуфту аз ҷой хест. Аз куҷое халтаи салафанӣ ёфта омад.— Ту бо Ҳабиб чой хӯрда шин, фаҳмидӣ,— гӯён сӯи боғ рафт. Ва илова намуд, ки то торик шудан, худаш ба ман биҳӣ чида медиҳад.

Бе бало набудани ин «меҳрубониро» ба назар гирифта,оҳиста аз паси устоз рафтам. Бинам, як дон биҳиро устоз аз шох мегиранду ду дони дигарро аз замин гирифта ба халта меандозанд, ки заҳ кашида ё кирм хӯрда аст...

— Устоз! — гуфтам даст ба сина гузошта, — маро ба хиҷолат нагузоред, ҳамин биҳиро худам канам!

Акаи Саид Аҳмад инро куллан рад кард.

— Не, не, ту овора нашав, чанги биҳӣ ба дасти ман зад, кифоя. Бин, куртаат ҳам оҳорӣ, сап-сафед.

— Аз ин ки дастони табаррукӣ шумо ба чанг олуда мешаванд, куртаи ман дарида, ғоз-ғоз шавад, беҳтар нест, магар? Ҳамин қадар гуфта тез-тез ба чидани биҳиҳои сара-сара сар кардам.

Ҳар қадаре, ки дар халта биҳӣ бештар мешуд, пешонаи оқсақол ба мисли маҳсии ба сандалӣ даромада оҷанг мегирифт. Гапро ба дигар сӯ бурдам:

— Устоз! Нӯгҳои он шохро бинед,биҳӣ чи гуна забзард пухтагӣ! Худи каллаи Носир Фозилов барин! Нардбон дар куҷо?

— Ту онро ёфта наметавонӣ, худам меорам. Саид Аҳмадака тез-тез қадам монда рафт.

Ба шох часпида, акнун дусето чида будам, ки аз паҳлӯ садои устоз баромад.

— Хеле азоб кашидӣ,бачем...

Дар дасти устод як арраи калони дудастаи зангзада буд.

— Гир, як дастаи ин арраро, мебуррем аз тагаш,- ту ҳам халос мехӯрӣ, ман ҳам, биҳӣ ҳам!

## Дарси таърих

Аз паррандаҳо камхобтаринаш — хурӯс. Аз нависандаҳо — Саид Аҳмад! Фарқ байни инҳо ҳамин, ки хурӯс аз ҷои истодааш фарёд мезанад, Саид Аҳмадака болои сар омада.

Дар Асака меҳмон будем. Дар боғи кадом колхоз то ними шаб сӯҳбат тасфид. Рӯзона роҳ паймудагӣ, хеле хаста будем.Дар се кат қатор ҷой андохтаанд. Ману Эркин Воҳидов дарҳол дароз кашидем. Акаи Саид Аҳмад радиочаи дастиашро монда сигарет мекашид.

Як вақт аз китфам ҷунбонда акаи Саид Аҳмад маро аз хоб бедор намуд.

— Барои хабари нохуш хафа нашав, — гуфт ӯ маъюсона, — ҳозир аз радио шунидам: Саги маликаи Инглистон мурдаст.

— Ба гулӯяш устухон - пустухон дар мондагист-дия, — гуфтам хобу хоболуд.

— Ба тамоми дунё таъзия эълон шудаст, дилам ганда шуд, — мегуфт Саид Аҳмадака.

— Аз номи саги дар боғатон буда таъзиянома фиристед, — гуфтаму сарамро ба кӯрпа печондам.

Диданд, ки бо ман нашуд, акаи Саид Аҳмад ба болои сари Эркин Воҳидов рафт.

— Эркин, ту як йигити бафаҳму фаросат, бачем. Нав боз як чизро нафаҳмида изтироб мекашам. «Табака» аз пои рости мурғ ширин мешавад,ё аз пои чапаш?

Эркинака «монед-э», гуфтан ҳамон оқсақол шип-шип аз назди ӯ дур шуд.

Боз чашмонам ғанаб кардаанд. Як вақт акаи Саид Аҳмад дар байни ду кат рост истода бо овози баланд ба гап сар кард:

— Надонию пурсӣ — олим шавӣ, ор карда — напурсӣ ба худ золим шавӣ, — гуфтаанд. Шумоён дар университет хондагӣ, ман як одами нахондагӣ, — пурсам чӣ шудааст? Ман ҳам таърихро омӯхтанӣ. Клара Сеткина кадом сол таваллуд шудааст?

Аз он тараф Эркинака, аз ин тараф ман изҳори норозигӣ кардем, Оқсақол «якет ман шоир, дигарат — ман нависанда, — гуфта дағ-дағa мекунеду донишатон — капейка!» — гӯён дур шуданд.

Хобам ба тамом паррид. Ҳамин фикр мекунам, ба ёдам намеояд, ки Клара Сеткина кадом сол ба дунё омада. Барои нооором накардани Эркинака нафасамро дарун кашида мехобидам. Тақрибан ним соат гузашт. Хоб нест. Ин дам кати Эркинака ғиҷҷирос кард.

— Ӯткирҷон, бедоред?— ба оҳистагӣ пурсид вай.

— Ҳа, дидед-ку мӯйсафед, ба миёни хоб зада хобро ҳаром кард! Эркинака ғурунгид:

— Аз ростӣ ҳам, Клара Сеткина кадом сол таваллуд ёфтааст? Вай ҳеҷ аз хаёлам дур намешавад.

Саид Аҳмадака шиппас пешамон омад.

— Ана акнун биной одам шудед, бачагонам! Соли таваллуди худамро намедонаму, бо Клара Сеткина чӣ кор дорам! Нағзаш хезед! Ҳа нагуфта, субҳ медамад, чой нӯшида, аз ин тараф, ун тараф гап зада мешинем.

## «Наздик набиё!»

Баъди вохӯрӣ дар Избоскан шабнишинӣ шуд. Ба Андиҷон барнагашта ҳамон ҷо монданӣ шудем. Мизбонҳо моро то меҳмонхона гусел намуда, пас рафтанд. Он вақт кадоме аз мо таклиф кард, ки ба Андиҷон равем. Вақт аз ними шаб гузашта, мошин нест.

— Агар хоҳетон мошинро ман меёбам,— гуфт Саид Аҳмадака. Ба роҳ баромадем. Носир Фозилов ин хел бетартибиҳоро хуш надорад, таҷанг!

(Носирака одами малламӯй, малларӯй. Равед, ки гапашон ҳам зап-зард! Ба зуддӣ тез мешаванд. Аммо одами ниҳоят ростгӯй, дангалчӣ)

— Биё мон, хуноб нашав, писараки зардакам, ҳозир роҳашро меёбем,— ором кунонда гуфт Саид Аҳмад — ака.

Ниҳоят як мошини «ёрии таъҷилии тиббӣ» пеш омад.

— Барои шумоён ман ба ҳар гуна хизмат тайёрам,— ба ҷон мезорид ронанда — Аммо, ин мошин«навбатчӣ» аст, ҳамин, ки ГАИ дошт, «праваи» маро мегирад.

— Корат набошад, ГАИ дорад, ман гап мезанам.Ту —Носир ин тараф шин, ту ин тараф гузар,— гуфт акаи Саид Аҳмад...

Ронанда медонистааст. Аз ростӣ ҳам, ба даромадгоҳи шаҳр, ки расидем, мошинро ГАИ дошт.

— Ана, кор — расво,— гуфта қариб буд, ронанда,бигиряд.

—Ту гап назада шин, бо милиса ман гап мезанам,— гӯён акаи Саид Аҳмад ба пешвози лейтенанти ҷавон баромад.Ҷавон ҳанӯз гап сар накарда, ӯро дошт: ҷон ука, наздик набиё! Ба ту раҳмам меояд, наздик нашав! Лейтенант даступо хӯрд.«Худаш чӣ гап?» — гуфта буд, ки акаи Саид Аҳмад фаҳмонд:

— Як укаи ман зард шуда мондаст. Бовар накунӣ худат бин! Лейтенант дудила шуда, дари қафои мошинро боло кард. Дар зери чироқи забзард, дар кушеткаи заб-зард Носир акаи заб-зардро дидан ҳамон, ба қафо гашт.

— Ин, аз ҳад гузаштагӣ барин менамояд, зудтар баретон!

**Тарҷумон:**
**Маъруф ОТАХОНЗОДА,**
**Журналисти шоистаи Ӯзбекистон.**

# Тайёрӣ ба Наврӯз

Қарокӯлпарварони конимехӣ нисбати солҳои пешина имсол ба иди мардумии Наврӯз бармаҳалтар тайёрӣ мебинанд. Мувофиқи қарори ҳокими ноҳия якмоҳагии озодагиву ободонӣ эълон гардидааст. Дар хоҷагии ширкатии «Шӯркӯл» ба созмон додани «Боғи куҳансолон» шурӯъ намуданд. Аввали баҳор дар ноҳия шинондани 1 миллион бех ниҳоли дарахтони мухталиф ба нақша гирифта шудааст.

— Тайёрӣ дар ноҳия ба иди мардумӣ бо рӯҳбаландӣ идома дорад, — мегӯяд ҳокими ноҳияи Конимех Баҳриддин Рӯзиев.—Баробари эҳтироми бузург ва эътирофи анъаноту урфу одатҳои қадимаи халқамон ҳамон рӯз, яъне рӯзҳои тантанаҳои наврӯзӣ, пеш аз ҳама мо нисбати калонсолон қадршиносии калон зоҳир карда, дуои неки онҳоро мегирем. Рӯзҳои ид озмунҳои мухталиф ба амал меоянд. Аз он ҷумла, байни бахшиён таҳти унвони «Энг яхши ӯтов» («Юртаи аз ҳама беҳтарин»), байни баҳодурони саҳро таҳти унвони «Фермер-2002», байни зебосанамҳо таҳти унвони «Наврӯз маликаси» («Маликаи Наврӯз») озмунҳо гузаронда мешаванд. Сайру гашт бо шутуру аспҳо, мусобиқаҳои варзишӣ, ярмаркаҳои савдо ва консерти калони идона шуда мегузаранд.

**Ёрқул УМАР,**
**мухбири ӮзА.**

# МИТУ ба кӯмаки олимон омад

***Соли 1995 Маркази илмӣ-технологии Украина (МИТУ) дар мамлакат пас аз фармони президент ба рӯйхат гирифта шуд, ки баъдан дар Гурҷистон низ намояндагии худро боз намуд. Ҳоло бошад Дафтари иттилоотии он дар Тошканд низ кушода шуд.***

МИТУ аз соли 1993, ки байни Украина, Канада, Шветсия ва ИМА дар ин хусус аҳднома ба имзо расид, ба фаъолият шурӯъ намуд.

Мақсади асосии маркази мазкур дастгирӣ намудани пажӯҳишҳои илмии олимону муҳандисони Ӯзбекистон, Украина ва Гурҷистон мебошад, ки собиқ бо масъалаҳои истеҳсоли яроқи қатли ом ва василаҳои ёрирасонӣ машғул будаанд. Ҳоло ният гузошта шудааст, ки маҳсули афкор ва ихтирои онҳо дар роҳи сулҳ хизмат намояд.

Ӯзбекистон на имрӯз, балки панҷ сол қабл аз ин ба Аҳдномаи МИТУ имзо гузошта буд, ки дар зарфи ин солҳо 24 лоиҳа (12 лоиҳаи олимони Ӯзбекистон ва 12 лоиҳаи муштараки Украинаву Ӯзбекистон) аз ҷониби ин марказ аз лиҳози моддӣ таъмин гаштааст. Ва миқдори ин маблағ 3,5 млн. доллар мебошад. Ғайр аз ин конфронси илмии шӯъбаи теплофизикаи Фарҳангистони улуми Ӯзбекистон ва сафари 16 нафар олимони Ӯзбекистон ба ИМА, Чехия, Олмон ва Шветсия бо маблағ фаро гирифта шудааст.

Ҳоло дар ин се кишвари ИДМ 11 ҳазору 300 нафар собиқ олимони соҳаи мудофиа кор мекунанд, ки барои онҳо 65 миллион доллар ҷудо карда шудааст.

Ба ин муносибат ба Тошканд директори иҷрогари МИТУ Лео Овсятский омада буд, ки порсол бо вазири корҳои хориҷии Ӯзбекистон А.Комилов Аҳдномаи созмон додани дафтари марказро дар Тошканд имзо гузошта буд.

Дар маросими кушоиши дафтар муовини вазири хориҷии Ӯзбекистон С.Сафоев, сафири ИМА дар Ӯзбекистон Ҷ.Ҳёрбст, сафири Украина А.Касяненко, сафири Олмон М.Ҳекер, раиси Кумитаи давлатии илм ва техникаи ҷумҳурӣ П. Ҳабибуллоев ба сухан баромаданд.

Дар сӯҳбат бо мо ходими калони илмии Фарҳангистони улуми ҷумҳурӣ Шӯҳрат Эгамбердиев гуфт, ки ҳоло 60-65 фоизи маблағ барои дастгирӣ намудани лоиҳаҳои илмӣ аз хориҷ меояд, ки ин ба шарофати ба арсаи байналмилалӣ баромадани кори олимони Ӯзбекистон даст медиҳад. — Ва махсусан МИТУ, ки дар сандуқи худ як миллиард доллар сармоя дорад, дар ин ҷода саҳми асосӣ дорад,— гуфта дақиқ намуд ӯ.

**Т. ИКРОМОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

